**СУРАТҶАЛАСАИ № 41**

**аз ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ-и**

**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

аз 27-уми январи соли 2025 ш.Хуҷанд

**Иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзоёни Шурои диссертатсионӣ
11 нафар (аз ҷумла 3 нафар д.и.п. ба тариқи онлайнӣ).

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**

1. Сабурӣ Хайрулло
2. Хоҷаева Мубина
3. Ҳамробоев Насимҷон
4. Абдуллоева Меҳриниссо
5. Азизов Абдулатиф
6. Бобоева Сайёра
7. Давлатзода Ҷамила
8. Исломов Озод
9. Мухаметов Гапур
10. Файзализода Баҳрулло
11. Шаропов Шавкатҷон

**Раиси Шуро:** д.и.п., профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода:

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 26-уми апрели соли 2024, таҳти № 144/ш.д. тасдиқ гардидааст, 11 нафар узви Шуро иштирок доранд (аз ҷумла 3 нафар тариқи онлайнӣ). Ҳамчунин аз 11 нафар ҳозирбудагон 6 нафар доктори илмҳои педагогӣ ва мутахассисони соҳа аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошанд.

Дар асоси қайди варақаи ҳузур кворум ҳаст.

**РӮЗНОМА**

1. Дар бораи ба ҳимоя қабул намудани ариза ва диссертатсияи **Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич** дар мавзуи **“Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) (роҳбари илмӣ – **Хайруллоев Баҳриддин**, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент) ба ташхис ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

Дар бораи оғоз намудани ҷаласа чӣ гуна фикрҳо ҳаст? Таклиф шуд, ки чун кворум ҳаст, ҷаласа оғоз карда шавад. Ҳар касе тарафдори оғоз намудани маҷлис бошад, хоҳиш мекунам, раъйи худро маълум намояд.

Тарафдор? – “Ҳама”; Зид? - “Нест”; Бетараф – “Нест”.

## ШУНИДА ШУД:

Оид ба масъалаи аввали рӯзнома раиси Шурои диссертатсионӣ профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода баромад намуда, мақсади ҷамъашвии аъзои Шуроро ба ҳозирин маълум намуд ва барои ошно намудани аъзоёни Шуро бо ариза, диссертатсия, автореферат ва дигар ҳуҷҷатҳои унвонҷӯ **Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич** суханро ба котиби илмии Шуро, доктори илмҳои филология, дотсент Ҳамробоев Насимҷон вогузор намуд.

## БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D-КОА026 дотсент Ҳамробоев Насимҷон чунин гузориш дод, ки ҳуҷҷатҳои унвонҷӯ **Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич** таҳти роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, дотсен **Хайруллоев Бахриддин** таҳия шуда, автореферат (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ), диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳо, тибқи талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) таҳия ва ба тартиб даровадра шудааст. Диссертатсия ва бастаи ҳуҷҷатҳои унвонҷӯ ба унвони Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бо мактуби МДТ-и "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ" пешниҳод шудааст, ки ба талабот ҷавобгӯ мебошад. Инчунин интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 17 адад аст, 3 адади он дар маҷаллаҳо ва нашриёҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд. Теъдоди интишороти довталаб дар нашриёҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34-ми Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" мутобиқ аст.

Бинобар ин барои қабул намудани диссертатсияи унвонҷӯ Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич барои ташхис монеа вуҷуд надорад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи **Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич** дар мавзуи **"Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои гузаронидани ташхис қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

- **А.А.Азизов** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, раиси комиссияи ташхис;
- **О.А. Исломов** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзо.
- **С. Худойбердиев** - номзади илмҳои санъатшиносӣ, профессор, аъзо;

3. Комиссияи ташхисии назди Шуро вазифадор карда шавад, ки тибқи талаботи банди 60-уми "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, дар муҳлати муайяншуда хулосаи хешро пешниҳод менамояд.

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор** – 11 нафар, **зид** – нест, **бетараф** - нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Х.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, дотсент Ҳамробоев Н.А.